Каримова Саодатхон,
дотсенти кафедраи журналистика
ва назарияи тарҷума,
ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров

ХИДМАТҲОИ МАҲМУДХОҶА БЕҲБУДӢ ДАР ТАЪРИХИ МАТБУОТИ ТОҶИК ВА АФКОРИ Ӯ ОИД БА ЗАБОН

Дар ибтидои асри ХХ бори аввал дар таъриху тамаддуни ҳазорсолаи тоҷик падидае бо номи матбуот арзи вуҷуд кард, ки дар равнақу ривоҷи он нақши шахсиятҳое чун Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ хеле бузург аст. Вай бо нерӯи зеҳнӣ ва ҷисмонии фавқулода барои зиндагии хубу арзанда ва пешравии миллат мубориза бурда, ҷонашро дар роҳи ҳақиқатнигорӣ ва ошкоргӯӣ ба хавф гузошта, оқибат дар роҳи ин ормонҳо онро нисор намудааст.

Андешаҳои пешқадамонаи ӯ аввалан натиҷаи сафари зиёд ба кишварҳои арабиву туркӣ ва русӣ – Миср, Туркия, шаҳрҳои Маккаву Мадина, Қазон, Оренбург, Уфа, Москва ва Петербург буд. Дар ин сафарҳо Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ бо вазъи зиндагии мардуми он кишварҳо аз наздик ошно гардид ва онро бо вазъи зиндагии мардуми кишвари худ муқоиса намуд. Ӯ роҳи тараққӣ ва пешравии миллати худро ҷуста, ба хулоса омад, ки ин бидуни ҷустуҷӯи роҳҳои нави таълим ғайриимкон аст. Ӯ илмро сарчашмаи ҳар гуна пешравӣ меҳисобид.

Оид ба ҷараёни фаъолияти рӯзноманигорӣ, осор ва оқибати талху фоҷиавии рӯзгори Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ «Намунаи адабиёти тоҷик», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и устод Айнӣ, мақолаҳои Муҳаммадҷони Шакурӣ «Нигоҳе ба поёни умри Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ», Расул Ҳодизода «Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ: таърихи зиндагӣ ва тақдири таърихии ӯ», Нӯъмонҷон Ғаффоров «Общественно-политическая деятельность Махмудходжи Бехбуди» ва ғайраҳо иттилооти ҷолиби таваҷҷӯҳе медиҳанд.

Тибқи сарчашмаҳои муҳими таърихӣ Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ соли 1875 дар Бахштеппа – деҳаи тоҷикнишини наздики шаҳри Самарқанд дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Падар – Беҳбудхоҷа дар оила шахси хеле серталаб ва сахтгир буд. Дар бораи ин ки оилаи Беҳбудӣ кай ва чӣ тарз муқими Самарқанд шудаанд, маълумот мавҷуд нест. Ӯ маълумоти ибтидоиро дар деҳаи худ (10,49) аз хешовандони наздикаш гирифтааст. Гӯё аз тағояш муфтӣ Мулло Одил забони арабӣ ва баъзе илмҳои дигарро омӯхтааст. Он вақтҳо забони арабӣ ва илмҳои дигарро танҳо дар мадраса ба тарзи мукаммал фаро гирифтан мумкин буд (9,35).

«Соли 1884 падари Маҳмудхоҷа – Беҳбудхоҷа вафот мекунад. Баъд аз ин ӯ таҳсилро қатъ намуда, дар назди тағои дигараш Муҳаммад Сиддиқ, ки қозӣ буд, вазифаи мирзогиро иҷро мекунад ва баъди аз қозигӣ маъзул шудани

тағояш ба Кобод ном маҳалле омада, дар назди қозӣ Зубайд мирзогӣ мекунад ва баъд ба муфтигӣ мегузарад» (7,27.)

Ба назари Р. Ҳодизода ин суханон шубҳаангезанд. «Аввал ин ки маълум нест, ӯ дар кучо мехонд ва кадом таҳсили илмро тарк кардааст. Дувум ин, ки дар маҳкамаи қозӣ ба ихтиёри касе аз мирзогӣ ба муфтӣ намегузаранд».(9,36.) Оид ба ин масъала З. Раҷабов дар китоби «Аз таърихи афкори сиёсии халқи тоҷик» чунин маълумот медиҳад: «Мадрасаро хатм кардааст, зеро муфтӣ буд» (6,224.)

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ соли 1900 азми зиёрати Маккаву Мадина мекунад. Дар роҳи ин сафар ӯ чанд муддат дар Миср ва Туркия – шаҳрҳои Қоҳира ва Истанбул тавақкуф намуда, бо фарҳангу маданияти ин кишварҳо ошно гардид. Тарзи зиндагӣ ва усули нави таҳсил дар мактабу маориф ва пешрафти илму техникаи ин кишварҳо дар тафаккури вай майли ислоҳотҷӯии мактабу маорифро ба вуҷуд овард.

Самарқанд пас аз истилои русҳо маркази рушди саноат, маданият ва илму фарҳанг гардид. Равнақи иқтисодӣ ва илму фарҳанги рус дар Самарқанд ба доираи илму адаб ва табақаи равшанфикрони шаҳр бетаъсир намонд. Таҳсили бачаҳои маҳаллӣ дар мактабҳои русӣ, нашри рӯзномаву китоб ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, таъсиси матбааи литографӣ дар бедории фикрӣ ва раъю рағбати ислоҳотҷӯӣ замина гузошт.

Робитаи Беҳбудӣ бо зиёиёни рус, аз худ намудани забони русӣ дар навишту гуфтугӯ ва огоҳӣ аз ҷунбиши маорифпарварии мусалмонони Русия тамоюли ислоҳотхоҳӣ ва навҷӯии ӯро пурзӯр намуд. Солҳои 1903-1904 Беҳбудӣ ба Уфа, Қазон, Оренбург, Маскав ва Петербург сафар мекунад. Бо зиёиёни равшанфикр ва ислоҳотхоҳи тотор тамос гирифта, бо яке аз сарварони ҷунбиши маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳии мусулмонони Русия, муассиси рӯзномаи «Тарҷумон» Исмоили Ғаспарӣ шинос гардид. Ӯ солҳои 1905-1906 дар рӯзномаҳои «Тараққӣ», «Туҷҷор», «Хуршед» ва «Туркистон вилоятнинг газетасӣ» оид ба масоили мактабу маориф танқиди таассуб ва хурофоти динӣ, ҷаҳолати асримиёнагӣ, инчунин ташвиқи забону адаби рус мақолаҳои оташину пуртаъсир менавишт.

Соли 1910 Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ба сафари Миср ва Туркия мебарояд. Таассуроти ин сафарашро дертар дар маҷаллаи «Ойина» тасвир мекунад. Фаъолияти пурҷӯшу доманадори Беҳбудӣ тақозо дошт нашрияе таъсис диҳад, ки дар он афкори маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳӣ инъикос ёфта, дар атрофаш қуввахои пешқадам ва равшанфикри Самарқанд, аморати Бухоро ва Хуҷанду Хӯқанд гирд оянд. Пас аз чанде Беҳбудӣ воқеан бо маблағи худ газетаи аввалини маҳаллиро бо номи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Ойина»-ро ба нашр расонид. Дар Бухоро ин ду нашрия барои амир пурхатар ва соҳиби он - Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ҳамчун душмани қаттол ҳисобида мешуд. Нафрати амир ба Беҳбудӣ хеле амиқ ва ошкоро буд. С. Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» воқеаеро нақл мекунад, ки душмании амирро ошкоро тасвир ё худ нишон медиҳад: «7 апрели соли 1917 амир Олимхон ислоҳоти дурӯғине сохта, барои эълони ин ислоҳот ба арк, ба меҳмонхонаи Раҳимхон шахсони олирутбаи Бухоро ва чанд намояндагони шаҳрҳои дигарро даъват намуд. Дар ин маҷлис аъзоёни элчихонаи рус, намояндагони комитети иҷроияи Когон, муфтӣ Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ,

қозӣ Ҳайдарбек ва боз як нафар аврупоӣ ҳузур доштанд. Баъди тамоман омода шудани маҷлис амир аз дари болоӣ даромада, бо тамоми аврупоиён мулоқот кард. Аз вакилони Самарқанд бо аврупоӣ мулоқот карда бошад ҳам бо Беҳбудӣ ва Ҳайдарбек мулоқот накард» (1,153.)

Моҳи марти соли 1919 Беҳбудӣ бо ду нафар рафиқи худ Мардонқул ва Муҳаммадқул ба аморати Бухоро ба сафар мебароянд. Мақсади ин сафар то ба имрӯз маълум нест. Шояд мақсад аз ин сафар шиносоӣ бо вазъи мактабу маорифи аморати Бухоро буд. Маҳмудхоҷа дар Шаҳрисабз таваққуф намуд, дар ин ҷо одамони амир Беҳбудӣ ва ҳамроҳонашро дастгир намуданд. Беҳбудӣ ҳанӯз аз солҳои 1914-1915 ба фош кардани ваҳшонияту ҷаҳолати амир ва сохти аморат оғоз карда буд. Соли 1919, дар ҳолате ки аморат ва ҳокимияти амир хавфи аз байн рафтанро дошт, ба Бухоро қадам гузоштани Беҳбудиро гумоштагони амир як хатари бузург ба ҳокимияти амир донистанд. Беҳбудиро бо ҳамроҳонаш ба Қаршӣ бурда, ба зиндони ҳокими вилоят Тағойбек мепартоянд. Ҳокими вилоят баъди расидани фармони амир Олимхон Беҳбудӣ ва ҳамроҳонашро дар боғи шафати зиндон ваҳшиёна сар бурида, болои қабрашонро ҳамвор ва шудгор мекунанд, то асаре аз ин қатли фоҷианок намонад. Дар Самарқанд бошад, муддати дароз аз Беҳбудӣ ва ҳамроҳонаш хабар набуд. Аввалҳои соли 1920 ба оила ва дӯстони Беҳбудӣ хабар мерасад, ки ӯ ва ҳамроҳонаш дар Қаршӣ қатл шудаанд. 25 марти 1920 дар Самарқанд намоиши мотам барпо мегардад, тамоми аҳли илму адаб ва мардуми Самарқанд ба мотам ба кӯча мебароянд, ҷавонон тобути холии Беҳбудиро бардошта, аз кӯчаҳои Самарқанд мегузаранд ва ба тарзи аврупоӣ суруду мусиқии мотамиро иҷро мекунанд.

Шоир ва маорифпарвар, яке аз пайравони Беҳбудӣ Ҳоҷӣ Муин дар газетаи «Инқилоб» пас аз се соли ин амал мақолаеро бо номи «Воқеаи шаҳид шудани Ҳазрати муфтӣ Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва васиятномаи навиштаи он зот» дарҷ намуда, аз тафсилоти дастгир ва маҳбус шудану ба қатл расидани Беҳбудӣ ва ҳамроҳони ӯро нақл намуд. Ин нақл аз ёддошти яке аз шоҳидони ин воқеа – навкари беки Қаршӣ навишта шудааст. Худи шоҳид кушта шуда ва дафтарҳои навиштааш ҳам гӯё аз байн рафта, каси дигар ин ёддоштро ҳифз ва нақл кардааст. Беҳбудӣ фидоии соҳаи маориф буд, ҳатто дар лаҳзаҳои охирини зиндагӣ дар асирӣ ҳам ӯ ғами босавод шудани халқашро мехӯрд. Дар васиятномаи пеш аз марг навиштааш чунин мегӯяд: «Дӯстонам Сиддиқӣ, Айнӣ, Фитрат, Қорӣ, Акобир Махдум, Абулқодири Шакурӣ ва писаронам Вадуд, Мидҳат!

Ба шумо васият мекунам, сари муаллимонеро, ки дар соҳаи маориф кор мекунанд, сила кунед. Ба маориф ёрдам диҳед! Аз байн низоъро бардоред! Бачаҳои Туркистонро бе илм нагузоред! Ҳар коре, ки мекунед, барои ҷамоат кунед! Ба ҳама роҳи озодиро нишон диҳед! Озодиро тезтар ба рӯи об бароред! Хуни маро аз золимон, бекҳо талаб кунед! Маорифро дар замини Бухоро ҷорӣ кунед! Ба номи мо мактабҳо кушоед. Танҳо дар ҳамон вақт мо дар қабрҳои хеш ором хоб мекунем».[1]

Воқеан, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ аз пешвоёни ҷонфидои ҳаракати ҷадидӣ буду то охири умр ба ғояҳои ислоҳи ҷомеа ва густариши маърифати мардум содиқ

[1] Инқилоб, 1921, саҳ 7.

монд. Дар мақолаи «Асолат-нодонӣ» дар шумораи №27 маҷаллаи «Ойина» дар ин хусус андешаи ҷолибе дорад: «…асолат монеаи тараққӣ, ҷаҳолат мухолифи мо, ҷаҳолат аст,ки Моро аз давлату сарвар ҷудо намуда ба дигарон эҳтиёҷманд гардонид, ҷаҳолат аст,ки моро ходим ва навкарони аёр гардонид». Дар идомаи мақола муаллиф менависад, ки ҷаҳолат боис гардид, ки имрӯз роҳи оҳан, телеграф-телефон, корхона надорем, аз беилмӣ аз саноату сарват маҳрум ҳастем». Беҳбудӣ аз гузаштаи пурифтихор ёд мекунад ва менигорад,ки: «Бухорои мо маркази улуми фунунӣ шуда буд, ки барои таҳсил аз чаҳор тарафи дунё ба ин ҷо мешитофтанд. Имрӯз моро чӣ расид, ки бар чунин ҳолат афтодаем. Ин ҳама бадбахтӣ, ки имрӯз ба мо рӯ оварда, ҳамоно натиҷаи танбалист»[1].

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ҳамзамонони худро ба омӯзиши илмҳои дунявӣ даъват намуда таассуф мехӯрад ки халқи олам бо усули ҷадид ва илму дониши дунявӣ ба осмон парвоз карда истодаанд. Мо ҳанӯз дар ҷаҳлу ҷаҳолатем, вақтро мегузаронем Дар мақолаи «Мулоҳиза» ӯ чунин хулосабарорӣ мекунад: «Ривоҷи дину миллат, тараққии илму диёнат, пешрафти фазлу ҳунар, салоҳи ахлоқу одоб, хубии маишату зиндагии ҳар тоифаро сабаб мактабу маориф аст…»[2]

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ аз ҳамзамонон эҳтироми забони модариро талаб мекард, донистани забонҳои гуногунро ӯ боиси ташаккул ва пешрафти ҷомеа медонист. Дар мақолаи «Ду то не, чор забон лозим аст»[3] саҳми забонро дар рушди маънавию иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар муҳим арзёбӣ намуда, менависад, ки имрӯз барои мо бо забонҳои форсӣ (тоҷикӣ), туркӣ (ӯзбакӣ) арабӣ ва русӣ хондан зарур аст. Ӯ дар баробари ин аз аҳли ҷомеа низ донистани ин забонҳоро талаб намуда, мақоми ҳар яки онро дар алоҳидагӣ ба хонандагони маҷалла шарҳ медиҳад. Беҳбудӣ нақши забони форсиро арзёбӣ намуда, онро забони аҳли мадраса меномад. Ба гуфтаи ӯ, «забони форсӣ… забони мадраса ва удабо аст, то ба имрӯз дар мактабҳои наву кӯҳнаи атрофи он аз китобҳои назмию насрӣ таълим дода меоянд.

Дар бештари мадрасаҳо китобҳои шаръӣ-динӣ ба арабӣ таълим дода мешавад, мударрисҳо онро ба форсӣ баён менамоянд. Яъне китоби дарсӣ – арабӣ, муаллим – турк, тарҷума ва баён – форсӣ аст, ки аҷиб ба назар мерасад. Аз тарафи дигар, забони аҳли Самарқанд ва чандин шаҳру деҳаҳои вилояти Фарғона форсӣ мебошад. Забони ҳукумати Бухоро форсист».[4]

Бинобар ин, донистани ин забонро барои аҳолии Осиёи Марказӣ Беҳбудӣ зарур медонад, зеро тӯли қарнҳо ин одат маъмул гардидааст. Ӯ дар мавриди надонистани ин забонҳо ҳамчун шахси маърифатпарвар ба хулосае меояд, ки усули таълиму тадрисро бояд нав кард. Ба ақидаи Беҳбудӣ, ба иллати таълиму тадриси номукаммал имрӯз аҳли савод, яъне аҳли илм аз сад наваду нӯҳ нафар ба ин се забон ба таҳрири адабии мукаммал молик нестанд. Беҳбудӣ ганҷинаи бебаҳои илму адаби форсӣ-тоҷикиро тазаккур дода, менависад, ки «то ба қиёмат лаззати асарҳои шоирону удабои форс намеравад, он хазинаи маънавиест, ки баҳри истифодаи онҳо аврупоиҳо миллиардҳо сӯм сарф менамоянд. Барои

[2] “Ойина” №27,1914, саҳ 520.
[2] “Ойина” №2, 1913, саҳ 4.
[3] “Оина” №1,1913, саҳ25.
[4] “Ойина” №1,1913, саҳ 25.

мо саодат аст, ки туркӣ ва форсиро бетаҳсил медонем. Ҳар турк форсӣ ва ҳар форс туркиро донистанаш лозим аст».[1]

Дигар аз омилҳои шиносоӣ бо асарҳои нависандагони хориҷиро Беҳбудӣ аз донистани забони русӣ медонад. Ӯ мегӯяд, ки асарҳои оламшумул ба ин забон тарҷума шудаанд, донистани забони русӣ барои зиндагии орому осуда зарур аст. Донистани чор забон – арабӣ, русӣ, туркӣ ва форсӣ боиси ташаккули афкори маънавию ичтимоӣ, ахлоқиву сиёсӣ ва ҷаҳонбинии ҷомеа мегардад. Бо ин ӯ нақши забонҳоро пеш аз ҳама дар густариши равобити фарҳангӣ-адабӣ ва иқтисодии кишвар дарк намудааст.

Дар мавриди арзиши забони форсӣ фармудааст, ки имрӯз дар матбуоти тотор ҳеч як сатр аз хатти форсӣ ва арабӣ озод нест. Дар Фарғона, Хуҷанд ва шаҳрҳои дигар забони форсӣ дар ривоҷ аст, аҳли илм ба форсӣ майли зиёд доранд. Беҳбудӣ ҷомеаро ба он ҳидоят мекунад, ки забонҳои мазкурро омӯхта, дар ташаккули афкор ва ҷаҳонбинии мардуми ғафлатзада саҳм гузоранд. Нигоштаи мазкур хусусияти таблиғотӣ-таърихӣ дорад. Дар мақолаи «Дар масъалаи забон» ба нуктаҳои муҳим эътибор додааст, хусусан оид ба раванди ҳамроҳшавии вожа ва ибораҳои форсӣ ба забони туркӣ, лаҳҷа ва шеваҳои гуногуни забони туркӣ ва мавқеи забони тоҷикӣ-форсӣ дар Осиёи Марказӣ, содагии забон андешаҳои ҷолиби диққат баён намудааст. Дар ин матолиби мубоҳисавӣ[2] оид ба забони маҷалла ва мақоми забони форсӣ чунин мегӯяд: «Хидмати мудири мӯҳтарам, маълуми зоти олӣ аст, ки забони дарсии Туркистон, Бухоро, яъне забони удабо ва уламо форсӣ аст, инчунин ҳаёти миллат вобаста ба танвири афкори уламо ва туллоб аст… Дар вилояти Фарғона, Самарқанд хеле шаҳру қасабаҳо аст, казолика лисони модарии мардумон форсӣ аст, лисони ҳукумати мардуми Бухоро ва тобеонаш форсӣ аст. Низ ҳамсоягони мо, ки Эрон, Афғонистон бошад, лисони расмии эшон форсӣ аст. Дар мактабҳои Истамбулу Чин низ форсӣ таълим медиҳанд, лисони мӯътабар низ форсӣ аст. Ҳатто тоторони шимолӣ ба форсӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳукумати рус имрӯз ба …хонондан иштиғол доранд. Фарангон баҳри лаззат гирифтан аз «Шоҳнома», Бедил, Саъдиву Маснавӣ форсӣ мехонанд… Пас, шумо чаро ба «Оина» форсиро ниҳоят кам менависед? Лоақал маротиб нисфи «Ойина» ба адабиёт, мақолот ва ахбору ашъори форсӣ муқаррар намуда шавад ва ҳам мақолоти фанниро ба форсӣ дарҷ карда шавад, то ки ба танвири афкори туллоби киромӣ ходим гардад».[3]

Аз мавқеи забони адабӣ ва гуфтугӯӣ дар ҷомеа ҳарф зада, Беҳбудӣ якеро баҳри омӯзиши илму фан ва дигареро барои муошират бо пайвандону наздикон зарур мешуморад. Беҳбудӣ таъкид мекунад, ки забони модариро бояд чунон пурғановат сохт, ки он ба ҳама фаҳмо бошад, зеро забони модарӣ аз шеваву лаҷаҳои гуногун иборат аст. Дар шумораи 35-уми «Ойина» маводи ҷолибе бо унвони «Ҳар миллат бо забони худ фахр кунад» дарҷ гардидааст. Дар он муаллиф муҳофизати забонро барои ҳастии миллат шарт ва зарур медонад, ӯ

[1] "Ойина" №1, 1913, саҳ 25.
[2] "Ойина" №15,1915, саҳ 244.
[3] "Ойина" №15, 1914, саҳ 244.

зикр менамояд, ки агар забон ва адабиётамонро муҳофизат нанамоем, миллат ба кӯи маҳкумӣ меравад. Миллат, ки нест шуд, диёнат низ худ аз худ албатта нест мешавад, «муҳофизати забон аз вожаҳои аҷнабӣ яке аз аввалин ва муҳимтарин вазифаҳо мебошад»[1]

Забони матбуот чӣ гуна бояд бошад? Ба назари Беҳбудӣ дар ин мавзӯъ пеш аз ӯ ҳам андешида ва посух ҷуста, ба хулосае омадаанд, ки забони матбуот бояд чанд дараҷа аз забони кӯчагӣ баланд бошад. Ва имрӯз боз ҳам олитар гардад. Матбуоти тотор, ки тарафдори содданависианд, рӯ ба забони адабӣ овардаанд. Беҳбудӣ барои намуна тафовути шумораҳои нахустини рӯзномаҳои «Шӯро», «Вақт» ва «Юлдуз»-ро бо шумораҳои охирин мушоҳида намудааст.

Ба андешаи Беҳбудӣ, ҳеч гуна лаҳҷаи авом ба забони матбуот набояд роҳ ёбад. Ҳамчунин, рисолаҳои мактабӣ, китобҳои фаннӣ, адабӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва динӣ бояд аз ин чизҳо орӣ бошанд. Ва дар ин ҳама забони соф адабӣ истифода бурда шавад. Дар шинохти шева, лаҳҷа, ӯ шохаҳои забонро ҳамчун масъалаи муҳим маънидод карда тазаккур медиҳад, ки лаҳҷаи ягон фирқа ё авом ба забони матбуот ворид намешавад. Дар баробари ин таъкид мекунад, ки китобҳои хусусияти таълимӣ ва тарбиявӣ доштаро сирф бо забони омма навиштан мумкин нест.

Дар шумораҳои маҷаллаи «Ойина» мақолаҳои илмиву таҳлилӣ хабару гузоришҳои дохиливу хориҷӣ низ чоп шуданд. Ва албатта он хабарҳо бо намуд ва тарзи навишти худ аз хабарҳои имрӯз фарқ доштанд.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар баробари донистани забонҳо ва зикри чигунагии забони матбуот – рӯзномаву маҷалла, рисолаҳои илмӣ ва китобҳои дарсиро низ шарҳу тавзеҳ додааст. Вай сабаби донистани ин забонҳоро тазаккур дода мегӯяд, ки барои манфиати худ русӣ омӯзем, дар мактабҳои ҳукуматӣ таҳсил намоем, ба мансабҳои давлатӣ ноил шавем, ба ватан ва дин хизмат намоем. Дар баробари ин, барои бо хабару рӯйдодҳои олам шинос шудан аз байни забонҳои англисӣ, юнонӣ, франсавӣ ва русӣ якеашро донем.

Беҳбудӣ нест кардан ва ё истифода набурдани калимаҳои забони ғайрро дар як забон ғайриимкон «фантастика» медонад. Ӯ истифодаи калимахои арабиро дар забони форсӣ ва туркӣ ҳодисаи табиии забон арзёбӣ намуда пешниҳод мекунад, ки калимаҳои забони ғайр камтар ва танҳо дар вақти зарурӣ истифода бурда шаванд.

Дигар аз масъалаҳое, ки то имрӯз мавриди таваҷҷӯҳ қарор дорад, наздик будани забони гуфтугӯӣ бо забони адабӣ аст. Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ сабабҳои тафовут ва наздикии забонро мавриди пурсишу посух қарор медиҳад: «Забони омма барои чӣ лозим? – Барои бо атрофиён, хешу акрабо, наздикон сӯҳбат кардан. Забони илмӣ-адабӣ барои чӣ лозим? – Барои омӯзиши илми мавҷуда, таърих ва фан. «Акнун мо вазифадорем, ки атрофиёнамонро адабиётшинос кунем… Оре, забони гуфтугӯии англисӣ, франсузӣ ва русӣ бо забони матбуоташон як хел аст. Зеро модарони онҳо садсолаҳост, ки хонда омадаанд. Модарони мо

[1] “Ойина” №35, 1915, саҳ164.

бошанд, авлод-авлод нахондаанд… Дар миллатҳои тараққикарда модарон забон меомӯзонанд, лекин мо бояд ба модаронамон забон омӯзонем». [1]

Беҳбудӣ сабаби аз забони адабӣ дур будани мардумро дар он мебинад, ки мардуми Осиёи Миёна аз илму фан ва адабиёт дур мондаанд. Ӯ дар ин масъала модаронро низ айбдор медонад.

Худи Беҳбудӣ тоҷик буд, вале асарҳояшро бештар бо забони ӯзбекӣ навиштаву чоп кардааст. Сабаби инро муҳаққиқон дар он мебинанд, ки Беҳбудӣ мехост осораш, дар баробари ин ду нашрияи ӯ, ки дар онҳо низ мавод бештар бо забони ӯзбекӣ чоп шудаанд, дар тамоми қаламрави Осиёи Миёна фаҳмо бошанд ва шӯҳрат пайдо кунанд. Ин ҷо ёдрас кардани хотираи яке аз пайвандони Маҳмудхоҷа – Мидҳад Беҳбудӣ ҷоиз аст: «Боре аз аммаам хоҳиш кардам, ки мазмуни «Падаркуш»-ро нақл кунанд. Он кас чунон зебо нақл карданд, ки гумон кардам худи песаро мехонанд. Аммо ман шунида будам, ки песа бо забони туркӣ навишта шудааст ва аммаам ӯзбекиро мутлақо намедонистанду вале ба ман тоҷикӣ қисса мекарданд. Ба тааҷҷуби ман амаам чунин шарҳ доданд: «Падаркуш» тоҷикӣ навишта шуда буд. Боре ба Самарқанд Алиаскар ном реҷиссёри озарӣ омада, онро ба саҳна гузоштанӣ шуд. Азбаски ӯ тоҷикӣ намедонист, ба эҳтиромаш падарам онро дар се шаб тарҷума карданд» (10,56).

Ана, ҳамин тавр, нахустин песаи тоҷикии «Падаркуш» ки дар оғози асри XX бо забони тоҷикӣ навишта шуда буд, соли 1913 бо забони ӯзбекӣ нашр гардид.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ бо андешаҳои ҷолибаш дар оғози садаи XX дар шинохти забони адабӣ, ки тозагӣ ва соддагии он аз масоили умдаи рӯз буд, қадаме ба пеш гузошт.

Калидвожаҳо: *матбуот, пешравии миллат, андешаҳои пешқадам, роҳҳои нави таълим, ислоҳот, матбааи ба номи Беҳбудӣ, омӯзиши забонҳо.*

Пайнавишт:

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро.–Душанбе: Ирфон, 1989.
2. Брагинский И.С. О природе среднеазиатского джадидизма в свете литературной деятельности джадидов // История СССР. -№6, 1957.-С.443
3. Гаффоров Н.У. Общественно-политическая деятельность М. Бехбуди.–Душанбе: Сино, 1997.
4. Гулмуродзода П. Инқилоби фикрӣ ва оғози бедорӣ дар Бухоро // Фаслномаи «Рӯдакӣ». -Соли ҳаштум, №16. - тирамоҳи 2007. С. 105-133.
5. Гулмуродзода П. Маорифпарварони тоҷик ва матбуот. Журналистика ва ҷомеа. Маҷмӯаи мақолаҳо.–Душанбе:Ирфон,1999.
6. Раҷабов З. Аз таърихи афкори сиёсии халқи тоҷик.–Душанбе: Ирфон, 1959.
7. Турдиев И. «Падаркуш» – воқеаи ҳақиқӣ // Шарқ юлдузӣ №27 1989. С. 27.
8. Усмон И. Беҳбудӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии нав–Адаб,№1 2005.С. 10-15.
9. Ҳодизода Р. Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ – таърихӣ зиндагӣ ва тақдири таърихии ӯ // Фаслномаи «Гули мурод» №10-12 1997-98. С. 35-49.

[1] “Ойина” №1, 1913, саҳ 30.

10. Шакурӣ М. Нигоҳе ба поёни умри Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ // Фаслномаи «Гули мурод», №10-12, 1997-1998. С.49-56.
11. Маҷаллаи«Ойина» №1,1913. С. 25-30
12. Маҷаллаи «Ойина» №2,1913. С. 4
13. Маҷаллаи «Ойина»№15,1914. С.244
14. Маҷаллаи «Ойина» №35,1916. С.164

Каримова Саодатхон,
доцент кафедры журналистики
и теории перевода ХГУ им. акад. Б. Гафурова

Вклад Махмудходжи Бехбуди в развитие таджикской печати и его мысли о языке

Ключевые слова: *печать, развитие нации, прогрессивные воззрения, новые методы обучения, реформирование, издательство имени Бехбуди, изучение языков*

В статье рассматривается вклад Махмудходжи Бехбуди в развитие таджикской печати в начале XX века. Автор научно обосновывает вклад М.Бехбуди как литературного деятеля и журналиста в формирование таджикской национальной прессы. Автор подробно отражает роль и место великого ученого в развитии таджикского языка своей эпохи. Данный метод исследования дает возможность автору статьи научно и всесторонне проанализировать лингвистические мысли Махмудходжи Бехбуди.

S. Karimova

Makhmudkhoja Behbudi`s Contribution into the Development of Tajik Press and the Latter`s Ideas in Reference to Language

Key words: *press, nation`s development, progressive outlooks, new methods of tuition, reformation, publishing house named after Behbudi, studies of languages*

The article dwells on Makhmudkhoja Behbudi`s contribution into the development of Tajik press at the beginning of the XX-ieth century. The author substantiates scientifically M. Behbudi`s contribution as literary votary and journalist into the formation of the Tajik national press. The author of the article reflects the role and place of the great scientist in the development of the Tajik Language of his epoch. The method chosen for the research enables S. Karimova to scientifieally analyze Makhmudkhoja Behbudi`s linguistic thoughts.